# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Ҳолати кунунии рушди таҳсилоти муосир аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб мекунад, ки хонандагонеро тайёр намоянд,ки ба ҳаёти воқеӣ дар шароити инкишофи бо суръати техника ва технология, зуҳури илм, тағйирпазирии талаботи бозори меҳнат, пайдоиш ва инкишофи зеҳни сунъӣ омода ва қобилияти тафаккури эҷодӣ ва ғайримуқаррарӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ва омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо муҳим ва навин гузошта мешавад.

Ташаккули малакаю маҳоратҳо, аз қабили эҷодкорӣ, тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти мустақилона ҳал намудани мисолу масъалаҳо яке аз вазифаҳои асосии системаи таълимӣ математикаи мактабӣ ба шумор меравад. Математика ҳамчун илм ҳамеша воситаи муҳим барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва воситаи асосии рушди тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ ба ҳисоб меравад.

Математикони асримиёнагии Шарқ, ба монанди Алхоразмӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Баҳоваддин Омулӣ, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Қозизодаи Румӣ, Муҳаммад Наҷмиддинхон, Алкошӣ, Алии Қушчӣ ва дигарон дар рушди илмҳои математика, геометрия, арифметика, тригонометрия, астрономия ва дигар фанҳо саҳми назаррас гузошта, асарҳои муаллифони пешинаро ҳифз ва ба дигар забонҳо тарҷума намудаанд.

Истифодаи мероси таърихӣ ва фарҳангӣ дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба афзоиши таваҷҷуҳи хонандагон ба мавзуъ мусоидат карда, тафаккури эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад ва барои ҳамгироии математика бо дигар илмҳо ва фарҳангҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ воситаи арзишмандтарин барои баланд бардоштани сифати таълим ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани шогирдон аст. Он имкон медиҳад, ки дарсҳои математика барои ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ барои хонандагон пурмазмунтар, ҷолибтар ва муфидтар гарданд. Истифодаи супоришҳо, мисолу масъалаҳои мазмуни таърихию фарҳангӣ дошта ба хонандагон кумак мекунад, ки аҳамияти математика ва робитаи амиқи онро бо ҳаёти воқеӣ ва рушди фарҳангии инсоният дарк кунанд.

Дохил кардани маводи математикаи асримиёнагии Шарқ ба раванди омӯзиши математикӣ ба ташаккули робитаҳои байнифаннӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки математика бо таърих, фарҳангшиносӣ ва ҳатто санъат ҳамгиро карда шавад, зеро ин омӯзишро шавқовартару пурмазмунтар

мегардонад. Ин равиш фаъолияти маърифатии хонандагонро бештар мегардонад, онҳоро ба корҳои илмӣ - эҷодӣ ҳавасманд мекунад.

Дар стандартҳои фаннӣ, барномаҳои муосири таълимӣ ва китобҳои дарсии муосир ба ҳифз ва маъмулгардонии мероси фарҳангӣ эътибори ҷиддӣ дода мешаванд. Омӯзиши математика тавассути дастовардҳои олимони асримиёнагии Шарқ ба тарбияи эҳтиром ба фарҳанги худ ва фарҳанги дигарон, тарбияи ҳисси миллӣ мусоидат менамояд.

Стандартҳои таълимӣ зарурати ташаккули натиҷаҳои фаро-мавзуӣ ва шахсии хонандагонро, аз ҷумла рушди қобилияти эҷодӣ, мустақилият ва тафаккури интиқодиро пешбинӣ мекунанд. Истифодаи усул ва ғояҳои олимони асримиёнагии Шарқ ба ин масъала ҷавобгӯ аст, зеро корҳои онҳо таҳлили амиқ ва муайян кардани равишҳои ғайримуқаррариро талаб мекунанд.

Истифодаи заминаи таърихӣ ва фарҳангии марбут ба математикаи шарқӣ метавонад ҳавасмандии хонандагонро ба фанни математика афзоиш диҳад.

Яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика маводи таърихӣ мебошад. Дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва берундарсии математика дохил кардани маводи таърихӣ ба рушди таваҷҷуҳи маърифатӣ ба математика, ташаккули заминаҳои ҷаҳонбинии илмӣ, таъмини азхудкунии пурраи истилоҳоти математикӣ, муносибати арзишӣ ба донишҳои математикӣ, тарбияи ахлоқӣ - ватанпарварӣ ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

Дарс ва машғулиятҳои берундарсие, ки бо истифода аз маводи таърихӣ гузаронида мешаванд, хонандагонро бо сатҳҳои гуногуни таваҷҷуҳи маърифатӣ ҷалб мекунанд, ки ин ба раванди таълим таъсири мусбат мерасонад.

Пас аз омӯзиши адабиёти психологӣ-педагогӣ оид ба проблемаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон, бояд гуфт, ки довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич проблемаҳои зеринe, ки ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагонро дар дарсҳои математика халал мерасонанд муайян намудааст, аз ҷумла:

- дар барномаҳои таълимӣ маълумот дар бораи аз мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар кадом синф, ба кадом миқдор ва доир ба кадом мавзуъҳои математика дода шавад вуҷуд надорад;
- дар китобҳои дарсии математикаи мактабӣ мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ хеле кам аст;
- дар ҷанбаи методӣ, интихоби мавод оид ба масъалаи мушаххаси мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ва дохил кардани он ба дарс душвор аст;
- чӣ гуна дар раванди дарси математика мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқро бо омӯзиши курси математика якҷоя кардан мумкин аст маълумоте нест;
- ҳаҷми маводи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ, ки дар дарс истифода бурда мешавад бояд чӣ гуна бошад, дақиқ нест;

- истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз доираи барномаи курси мактабӣ берун мондааст;

- проблемаи интихоби шакли пешниҳоди мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон мавҷуд аст.

Фикру мулоҳизаҳои дар боло ифрозшуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии математикони асримиёнагии Шарқ»-ро, ки унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, дар айни замон яке аз масоили муҳим ва мубрами таҳсилоти муосир ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фаннҳои табиӣ - риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигарию такмили стандарту барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 18.02.2025, №02).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01.- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқ мебошанд:

– *банди 2.* Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои педагогии нав ва системаи методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими фанни математика рушди хонандаро таъмин менамоянд;

- *банди 3.* Назарияи таҷрибаи пешқадами таълим ва тарбияи фанни математика;

- *банди4.* Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими аз фанни математика дар системаҳои гуногуни педагогӣ;

- *банди 8.* Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими фанни математика;

- *банди 14.* Коркарди барномаҳои тълимӣ аз фанни математика барои таълимгоҳҳои гуногуни зинаҳои таълимӣ;

- *банди 20.* Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз фанни математика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ;

- *банди 21.* Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим дар соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим;

- *банди 28.* Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ мегардонанд;

- *банди 29.* Масъалаҳои муратгабсозии мазмун, усул ва шаклҳои ташкилкунии таълим ва тарбия аз фанни математика дар шароити муосири ҷамъияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ.

3. Қобили зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таткиқотии унвонҷӯй Буриев Бахтиёр Болтаевич шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, конференсияҳои илмии ҳайати кормандони илмӣ, профессорон, докторантону унвонҷӯёни Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди тасвиб қарор дода шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 29 интишороти муаллиф, ки 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 адад дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, 7 адад дар дигар нашрияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин, бо таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи қабул кардани диссертатсияро ба шурои диссертатсионӣ ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи унвонҷӯй Буриев Бахтиёр Болтаевич тавсия медиҳад, ки:

а) диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

в) ба сифати муқарризони расмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Ҷонмирзоев Эраҷ Ҷонфидоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ – риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

ғ) нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевичро дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;
- Ҷонмирзоев Эраҷ Ҷонфидоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ – риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Каримова И.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Рӯзиева Л.Т.

номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

10.06.2025

*«Имзои И. Каримова, Л. Рӯзиева ва С. Туроновро тасдиқ мекунам»*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН · РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН, АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА · ШӮЪБАИ КАДРҲО · ОТДЕЛ КАДРОВ